№3516/13.2 «д» аз 11.04.2014

Мақомоти ҳудудии андоз

**«Доир ба андози аксизӣ»**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи муқаррароти моддаи 200 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Авруосиё бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи меъёрҳои андози аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда» аз 15.02.2014, №102 меъёрҳои нави андоз муқаррар карда шудааст, ки аз 01.03.2014 мавриди амал қарор дорад.

Бо мақсади татбиқи дурусти қарори мазкур, инчунин андозбандии пурраи минбаъдаи молҳои зераксизӣ ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни андозсупорандагон, ба Шумо тавзеҳоти мазкур ирсол карда мешавад.

Меъёри андози аксизӣ барои молҳои рамзи 2201 “Обҳо, аз ҷумла минералии табиӣ ва сунъӣ, газнок, бе омехтаи шакар ва ё дигар моддаҳои ширинкунанда ё хушбӯй, ях ва барф” ба андозаи 0,02 евро барои 1 литр муқаррар гардидааст.

Барои обҳои минералӣ ва газнок, дорои омехтаи шакар ва ё дигар моддаҳои ширинкунанда ё хӯшбӯй, ва дигар нӯшокиҳои ғайриспиртӣ (ба ғайр аз шарбатҳои мевагӣ ё сабзавотии рамзи 2009), ки ба гуруҳи молии рамзи 2202 шомил мебошанд меъёри андози аксизӣ баланд гардида, ба андозаи 0,03 евро барои 1 литр муқаррар карда шуд.

Мутобиқи қарори мазкур меъёри андози аксизӣ барои пивои ғайриспиртӣ (рамзи 2202 90) ва пивои сумалаки ҷав (рамзи 2202 90) барои 1 литр ба андози 0,10 евро қабул карда шудааст. Инчунин, меъёри андози аксизӣ барои шаробҳои ангури аслӣ, ҳамчунин қувватдор, ширaи ангур (ғайр аз рамзи 2009), вермутҳо ва дигар шаробҳои ангурии аслӣ бо омехтаи экстрактҳои растанӣ ё хӯшбӯйе, ки ба гурӯҳи молии рамзҳои 2204 ва 2205 мутобиқ мебошанд, дар ҳаҷми 0,25 евро барои 1 литр муқаррар карда шудаанд.

Барои молҳои рамзи 2208 “Спирти этилии денатуратсиянашуда бо консентрасияи спирти камтар аз 80 фоизи ҳаҷм, қиёмҳои спиртӣ, ликёрҳо ва дигар нӯшокиҳои спиртӣ” меъёри андози аксизӣ 2,5 евро барои 1 литр спирти 100% қабул карда шуд.

Меъёри андози аксизӣ барои спирти этилии денатуратсияшуда бо консентратсияи спиртии 80% - и ҳаҷм ё зиёда аз он, ки ба гуруҳи молии рамзи 2207 мансуб мебошанд, дар ҳаҷми 0,60 евро барои 1 литр тасдиқ карда шуд. Ҳамзамон, меъёри андози аксизӣ барои спирти этилии

денатуратсияшудаи дар дохили ҷумҳурӣ барои истеҳсоли машрубот фурӯхташаванда сифр (0) муқаррар карда шудааст.

Яъне, корхонаҳои ватанӣ истеҳсолкунандагони молҳои зераксизӣ, ҳангоми дар дохили ҷумҳурӣ барои истеҳсолкунандагони машрубот ба фурӯш баровардани спирти этилии денатуратсияшуда бо консентратсияи спиртии 80% - и ҳаҷм ё зиёда аз он (мансуб ба гуруҳи молии рамзи 2207) меъёри сифр (0) истифода менамоянд ва дар оянда, супорандаи андози аксизӣ харидори спирти этилӣ-истеҳсолкунандаи машруботи спиртӣ ба ҳисоб меравад. Дар сурате, ки харидори спирти этилӣ истеҳсолкунандаи машруботи спиртӣ ба ҳисоб наравад, он гоҳ андози аксизӣ бевосита аз ҷониби фурӯшандаи спирти этилӣ дар ҳаҷми 0,60 евро барои 1 литр ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

Воридкунандагони спирти этилӣ, ҳангоми воридот тибқи тартиби муқарраршуда андози аксизиро пардохт менамоянд.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 203 Кодекси андоз супорандагони аксиз ҳуқуқ доранд маблағи аксизи ба буҷет пардохтшавандаро ба маблағи аксизе, ки ҳангоми харид (гирифтан) ё ҳангоми воридоти молҳои зераксизӣ ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт шудаанд, кам кунад, агар молҳои зикргардида ба сифати ашёи хоми асосӣ барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ истифода шуда бошанд.

*Мисол: ҶДММ “Аква” истеҳсолкунандаи машруботи спиртӣ дар моҳи марти соли 2014 аз Ҷумҳурии Қазоқистон ба миқдори 1000 литр спирти этилии денатуратсияшуда (бо консентратсияи 80% спиртӣ) воридот намуда, ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ ба маблағи 3900 сомонӣ (1000 * 0,60 евро * 6,5 сомонӣ) андози аксизӣ пардохт намудааст. Ҷамъият аз спирти воридгардида 500 литрашро ҳамчун ашё барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ истифода намуда, 400 литри онро ба ҶДММ “Билол” истеҳсолкунандаи машруботи спиртӣ бо меъёри сифрӣ (0) ва 100 литри боқимондаи онро ба ҶДММ “Табиб”, ки супорандаи андози аксизӣ ба шумор намеравад ба фурӯш баровардааст.*

*Дар ин маврид, мутобиқи талаботи қисми 3 моддаи 203 Кодекси андоз ҶДММ «Аква» ҳуқуқ дорад, ки маблағи андози аксизии дар сарҳади гумрукӣ пардохташударо танҳо ба миқдори ашёи хоми воқеан барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ истифодашуда дар ҳаҷми 1950 сомонӣ (300 евро) ба ҳисоб гирифта, ҳиссаи аксизӣ қисмати боқимондаи спирти этилии бо меъёри сифрӣ таҳвилнамударо ба ҳисоб гирифта наметавонад.*

Воридкунандагони спирти этилӣ тибқи тартиби муқарраршуда андози аксизиро дар сарҳади гумрукӣ пардохт намуда, ҳангоми фурӯши минбаъда (бе коркард ва ё истеҳсоли мол) ҳуқуқи баҳисоб гирифтан ва ё баргардонидани андози пардохташударо надоранд. Ҳангоми аз ҳисоби спирти воридотӣ истеҳсол намудани молҳои зераксизӣ, супорандагони андози аксизӣ мутобиқи талаботи қисмҳои 1 ва 3 моддаи 203 Кодекси андоз ба миқдори ашёи хоми воқеан дар давраи андоз барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ истифодашуда, ки дар асоси меъёрҳои барориши маҳсулоти зераксизӣ аз ашёи хоми зераксизӣ ба амал бароварда мешавад, тарҳкунӣ ба маблағи аксизии пардохташуда доранд.

Бояд қайд намуд, ки мувофиқи қарори нав ба номгӯи молҳои зераксизии гуруҳи 27 "Сӯзишвории маъданӣ, нафт ва маҳсулоти коркарди онҳо" рамзҳои 2711 ва 3403 Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Авруосиё дохил шудаанд.

Меъёри андози аксизӣ барои молҳои рамзи 2711 "Гази нафтӣ ва дигар карбогидратҳои газмонанд" (ғайр аз тариқи қубурҳо интиқолдодашаванда) ба андозаи 4 евро барои 1 тонна муқаррар карда шудааст. Барои гази нафтӣ ва дигар карбогидратҳои газмонанди тариқи қубурҳо интиқолдодашаванда меъёри андози аксизӣ сифр (0) муқаррар гардид.

Барои маводҳои молиданӣ ва ашёе, ки дар коркарди равғанӣ ё чарбуии маводҳои нассоҷӣ, пӯст, мӯина ё дигар маводҳо истифода бурда мешаванд, ба ғайр аз ашёе, ки ба сифати таркибдиҳандаи асосӣ дорои 70 мас. % ё ки аз нафт ё маҳсулоти нафтӣ зиёдтар ҳастанд ва аз ҷинсҳои битумӣ ҳосил шудаанд ва ба гуруҳи молҳои рамзи 3403 шомил мебошанд, меъёри андози аксизӣ ба андозаи 60 евро барои 1 тонна қабул карда шудааст.

Ҳамчунин, иттило медиҳем, ки меъёрҳои андози аксизӣ барои номгӯи маҳсулотҳои гурӯҳи 40 "Каучук, резина ва маҳсулоти онҳо" ва гурӯҳи 71 "Марвориди табиӣ ё парваришкардашуда, сангҳои қиматбаҳо ё зиннатӣ-ороишӣ, фулузоти қиматбаҳо, фулузоти бо фулузоти қиматбаҳо рӯйкашшуда, маснуоти аз онҳо тайёршуда, бижутерия, тангаҳо" баланд карда шуда, аз рӯи меъёри фоизӣ мутаносибан 13% ва 5% арзиши маҳсулот муқаррар карда шуд.

Меъёри андози аксизӣ барои молҳои гурӯҳи 87 "Воситаҳои наклиёти рӯизаминӣ" тағйир ёфта дар ҳаҷми 10% арзиши мол, вале на кам аз 0,15 евро барои 1 $см^3$ ҳаҷми кории силиндрҳои муҳаррик қабул карда шуд.

Ба маълумоти мақомоти ҳудудии андоз расонида мешавад, ки таҳвили (фурӯши) минбаъдаи молҳои зераксизӣ ва бақияи онҳо, ки дар анборҳои андозсупорандагон ба санаи 01.03.2014 мавҷуд мебошанд, бо меъёрҳои нави тасдиқшуда тахти андозбандӣ қарор дода мешаванд.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи тасдиқи меъёрҳои андози аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда» аз 15.02.2014, №102 таҳти назорат қарор дода, барои аз 01.03.2014 тибқи меъёрҳои нав андозбандӣ намудани молҳои зераксизӣ чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамзамон, ба маълумоти Шумо мерасонем, ки мутобиқи талаботи Кодекси андоз қарори мазкур дар сомонаи расмии Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда шудааст ва андозсупорандагон метавонанд аз он истифода намоянд.

Раис Н. Давлатзода